***Маориф ва маданият*,**
***13 октябри соли 1970, саҳ. 3***

КИТОБ ВА КИТОБИЁТ

**Тадқиқи саҷъ**

Ба аҳли адаб маълум, ки саҷъ ҳамчун санъати бадеӣ таърихи зиёда аз ҳазорсола дошта, классикони мо дар асарҳои манзуму мансурашон онро истифода кардаанд.

Дар китоби “Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ” (1964) таъриф ва навъҳои маъмули он хотирнишон ва чанде мисолҳо оварда шуда буданд. Шарҳи луғавии ин калима дар ҷилди дуйуми «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ дода шудааст.

Т. Зеҳнӣ дар «Санъати сухан» ба саҷъ ҳамчун санъати махсуси назму наср эътибори ҷиддӣ дода, шаклҳои гуногуни онро пеши назар меоварад. Ӯ саҷъро дар назму наср вобаста ба қофия маънидод карда, алоқаи қофия ва саҷъро нишон медиҳад.

Дар баъзе мақолаву рисолаҳояшон адабиётшиносон М. Шукуров, Ш. Ҳусейнзода, А. Маниёзов, С. Табаров ва дигарон ҳам ба истифодаи саҷъ дар асарҳои бадеӣ ишора кардаанд. Вале Р. Мусулмонқулов муҳаққиқи махсуси ин соҳа аст. Вай решаҳои таърихӣ, сарчашмаҳои пайдоиш ва сайри такомулоти саҷъ ва навъҳои гуногуни онро аз назар гузаронда, аз андешаҳо ба хулосаҳо мегузарад. Аз мулоҳизаҳои ӯ равшан мешавад, ки саҷъ ҳамчун санъати бадеӣ дар асарҳои пешазисломӣ, дар зарбулмасалу мақолҳои халқ, манбаъҳои нодир (навиштаҷоти кӯҳи Бесутун, достонҳои «Дарахти асурик», «Корномаи Артахшер») ва бисёр сурудҳои насрмонанд вуҷуд доштааст. Вале таърих бисёре аз ин манбаъҳоро аз байн бурдааст ва имконият нест, ки оид ба вазъи саҷъ дар гузашта муфассал сухан ронда шавад. Дар арзи асарҳо

забони адабӣ ба ҳадде аз забони зиндаи халқ дур шудааст, суханҳои пурдабдаба доираи мазмунро танг карда, шаклро дар мадди аввал: гузоштаанд. Адибони бисёре буданд, ки санъати саҷъро суистеъмол мекарданд ва он ҳамчун воситаи суханбозӣ истифода мешуд.

Баъзе кушишҳое, ки Аҳмади Дониш барин адибони пешқадам дар роҳи ба халқ наздик кардани забони адабӣ зоҳир намуда буданд, на ҳамеша натиҷаи дилхоҳ медоданд.

Забони тоҷикӣ танҳо баъд аз ғалабаи Револютсияи Октябрь пурра ба хидмати халқ дода шуд ва адибон саҷъро дар қатори бисёр саньатҳои адабӣ барои ифодаи мазмунҳои баланд истифода мекардагӣ шуданд.

Раҳим Мусулмонқулов оид ба саҷъ аз «Тарҷумон - ул - Балоғат»-и Умари Родуёнӣ то асарҳои адабиётшиносони имрӯзаро аз назар гузаронида, таърифи ин санъати бадеиро чунин ба қалам медиҳад: «Маънои луғавии калимаи «саҷъ» - овози мурғони хушнавое ба мисли қумрӣ, булбул, тӯтӣ мебошад, ки ҳар лаҳни он овоз ба лаҳни дигаре монанд аст. Ба назар чунон мерасад, ки гуё мурӯ як наворо такрор мекунад».

Дар навъҳои аҳли адаб мулоҳизаҳои гуногун доранд. Вале муаллифи «Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик» асосан ба се навъи он “мутавозӣ”, «мутарраф», «мутавозин», ки аксарияти суханварон эътироф кардаанд, диққат медиҳад.

Ин навъҳои саҷъ минбаъд хусусиятҳои шаклпарастиро аз бар карда, бо санъатҳои муболиғаву игғроқ, кинояву истиораҳои мураккаб омехта мегардад.

Забон ва услуби баён дар асрҳои XV-XVIII махсусан дар эҷодиёти Бедил ба ниҳояти мураккабӣ расида буд. Дар ин бобат С. Айнӣ ҳам ишорае кардааст; «... забони насри Бедил аз ҳад зиёда душвор аст... ҷумлаҳои дарози силсиладор бо ташбеҳҳои мураккаб ва истиораҳои печ дар печ насри ин адиби душворписандро ба дараҷаи нофаҳмӣ расонидаанд.

Р. Мусулмонқулов нишон медиҳад, ки ин услуби эҷодӣ на танҳо дар доираи аристократияи дарбор, балки дар байни намояндагони фазлу ҳунари авом ҳам расмият пайдо карда буд. Духура ё пардапуш ифода кардани мазмун услуби адабиро то рафт мураккаб ва печ дар печ менамуд. Вале адибони советӣ саҷъро аз мураккабӣ ва печ дар печӣ раҳо дода, онро чун санъати муҳимми бадеӣ истифода намудаанд.

Р. Мусулмонкулов дар насри советии тоҷик санъати саҷъро дар эҷодиёти С. Айнӣ, Ҷ. Икромӣ, Ф. Муҳаммадиев ва дигарон ҷуста, эътироф мекунад, ки С. Айнӣ дар асарҳояш саҷъро торафт камтар истифода мекунад. Ҷ. Икромӣ бошад, баръакс, онро чун воситаи зебо ва дилрабо шудани тасвир ба кор мебарад. Муҳаққиқ собит менамояд, ки саҷъ дар адабиёти советӣ бештар дар лавҳаҳои лирикӣ истифода мешавад.

Таҳқиқи санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла саҷъ ба таҳқиқи услуби нависандагон алоқаманд аст.

Аз ин ру Р. Мусулмонқулов ба саҷъ ва санъатҳои ба саҷъ алоқадор таваққуф намуда, дар эҷодиёти нависандагон чӣ гуна ҷараён ёфтани онҳоро маҳз аз ҳамин нуқтаи назар дида мебарояд.

Инчунин муҳаққиқ услуби хронологии таҳлилро писандида, мавқеи намудҳои саҷъро дар ҳар давру замон ба хубӣ нишон медиҳад. Дар хусуси сабки хоси ҳар як давр ва ҳар як адиб муҳокимаҳои муфиди илмӣ меронад.

Дар тадқиқоти Р. Мусулмонқулов баъзе кӯтоҳиҳо ҳам ба назар мерасанд. Пеш аз ҳама ба истифодаи саҷъ дар эҷодиёти нависандагони советии тоҷик камтар диққат дода шудааст. Мулоҳизаҳои муҳаққиқ гоҳо характери обзорӣ гирифта, масъалаҳо пурра таҳлил нагардидаанд. Муаллиф дар хусуси услуби баёни насри шоирон қариб ҳеҷ чиз нагуфтааст. Ба фикри мо, дар тадқиқоте, ки ба саҷъ бахшида шудааст, муқоисаи насри шоирон ва адибони насрнавис хеле зарур аст. Дар рафти таҳлили мисолҳо

муаллиф калимаю ибораҳоро бисьёр такрор кардааст. Набудани чунин кӯтоҳиҳо қимати тадқиқотро бештар менамояд.

**Ш. РАҲМОНОВ.**

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ.**
**“Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик”. – Душанбе, соли 1970.**